## Тақризи

**роҳбари илмӣ Маҷидова Б. ба рисолаи диссертатсионии Одилзода Дилбар Раҳим "Шароитҳои иҷтимоӣ – педагогии тарбияи ватандустии наврасон тавассути омилҳои этнопедагогӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методология ва ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот. Тарбияи ватандӯстӣ дар ҳамаи давру замонҳои ҳаёти инсон яке аз масъалаҳои иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ буда асоси мафкураи миллии ҳар як халқу миллатро ташкил мекунад. Махсусан дар ҷомеаи кунунӣ, ки хавфу хатар на танҳо ба марзу буми Ватан, сарвату боигариҳои миллӣ таҳдид менамояд, инчунин ба шуур, ҳиссиёт, рафтор, махсусан сифатҳои маънавӣ ахлоқии наврасону ҷавонон таъсир мерасонад, зарурият ва мубрамияти тарбияи ватандӯстӣ мақсад, вазифа ва масъулияти кулли ниҳодҳои иҷтимоӣ, махсусан МТМУ, оила ва ҷомеа гардидааст. Ин раванд вобаста ба дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию фарҳангии худ ба насли наврас таъсир расонида зарурияти бознигарии роҳу усул ва воситаҳои тарбияи ватандӯстиро талаб менамояд.

Таъмин намудани иҷрои мақсаду вазифаҳои тарбияи ватандӯстии наврасон, ки онҳо марҳилаи махсуси тағйиротҳои синнусолии гузариш аз аёми кӯдакӣ ба наврасию ҷавониро аз сар мегузаронанд хеле муҳим мебошад. Барои иҷро гардидани мақсаду вазифаҳои тарбияи ватандӯстии онҳо истифодаи этнопедагогика – педагогикаи халқӣ хеле муҳим аст. Чунки он воситаи муассири таъсиррасонии тарбиявӣ буда, дар таҷрибаи чандинҳазорсолаи инсоният санҷида шудааст ва ҳар як инсон аз рӯзи ба дунё омадан ва то охири умр дар шароитҳои иҷтимоӣ, педагогӣ – фарҳангии оила, муассисаҳои таҳсилотӣ, ҷомеа ҳаёту фаъолияти худ зери таъсири онҳо қарор мегирад. Он сифатҳои маънавӣ – ахлоқии шахс, махсусан ватандустиро тарбия ва ташаккул дода дар камолоти ақлию зеҳнӣ, рушди сифат[illegible]ои шахсиятии ӯ таъсир мерасонад. Бояд таъкид кард, ки мақсаду муҳтавои он ҷабҳаи инсонгароӣ дорад ва истифодаи роҳу усул ва воситаҳои самарабахшии таъсиррасониро талаб мекунад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур омӯзиш ва пажуҳиши роҳҳои самараноки истифодаи этнопедагогика – педагогикаи халқӣ дар ташаккули арзишҳои манавӣ – ахлоқӣ ва ватандустии наврасон мебошад.

Муҳаққиқ Дилбар Одилзода Раҳим дар зерхати омӯхтану таҳлил намудани дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, асосҳои методологию назариявии он андешаҳои консептуалии худро оиди дар тарбияи ватандӯстии наврасон нақши калиди доштани омилҳои этнопедагогӣ, махсусан зарбулмасалу мақолҳо, шиносо□ ба қаҳрамонони халқи тоҷикро исбот намуд. Дар ин раванд зарурияти баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии наврасонро яке аз омилҳои муҳими таъсиррасонӣ ба ҳиссиёт, шуур ва рафтори онҳо нишон дод. Дар раванди кори таҳқиқотӣ кӯшиш намуд, таҳқиқи масъалаи тарбияи ватандӯст□ дар педагогикаи халқӣ ва миллии тоҷикро то ва баъди соҳибистиқлол гаштани кишвар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шароитҳои иҷтимоӣ – педагогии ин равандро мувофиқ ба дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар баррасӣ намояд.

Дар раванди кори озмоишӣ – таҷрибавӣ бо истифода аз зарбулмасалу мақолҳо, шиносоӣ ба гузашта ва саҳифаҳои дурахшони ҷавонмардию ватандӯстии қаҳрамонони халқи тоҷик, ки диловарӣ, қаҳрамонӣ, чусту чолокӣ, ҷасурию далерӣ нишон дода барои дирӯз, имрӯз ва фардои миллати тоҷик намунаи ибрат мерос гузоштаанд, таваҷҷӯҳи махсус дод. Маҳз чунин сифату амалҳои қаҳрамонони халқи тоҷик дар замири наврасону ҷавонон муҳаббат ба Ватан, ватандӯстиву ватанхоҳиро бедор ва тарбияву ташаккул медиҳанд.

Дилбар Одилзода Раҳим иҷрои вазифаҳои таҳқиқотиро таъмин намуда дар раванди илмӣ – эҷодӣ масъулиятшиносӣ, соҳиби дониш, маҳорату малакаҳои илмӣ – ҷустуҷӯи нишон дода, иҷрои мустақилонаи рисолаи илмӣ – таҳқиқотиро таъмин карда тавонист. Бо таҳияи мақолаҳои илмӣ, баромаду гузоришҳои илмӣ дар конференсияҳо, ҳамоишҳои илмии байналмиллаливу ҷумҳурӣ, интишороти мақолаҳои илмӣ мазмуни муҳтавои таҳқиқоти худро ба доираи васеи шунавандагону муҳити илмӣ дастрас ва мавриди муҳокимаю баҳодиҳӣ гардонид. Дар дохили кори диссертатсионӣ хулосаҳои илмию тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот таҳия ва пешкаш гардид, ки иҷрои ин амалҳо гувоҳи донишҳои илмӣ, маҳорату малакаҳои таҳқиқотии муҳаққиқ мебошад.

Хулоса

Таҳқиқоти илмии унвонҷӯй Дилбар Одилзода Раҳим дар мавзӯи “Шароитҳои иҷтимоӣ – педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути этнопедагогика – педагогикаи халқӣ” кори илмӣ – таҳқиқотии мустақилона ва дар сатҳи баланд иҷрошуда буда, ба талаботҳои Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2024, №295 ҷавобгӯ ва барои дарёфти дара□аи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05

– Назария, методология ва ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) барои ҳимоя намудан тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илми педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи махсус ва
таҳсилоти фарогири Донишгоҳи
давлатии Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Маҷидова Б.

Имзои профессор Б.Маҷидоваро
тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

Нишона: ш.Душанбе, кӯчаи Тилло Пулодӣ,
Бинои 3, кв 1
Телефонҳо: 985 83 19 02
938 50 88 77